# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-020
## назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
## барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 30.10.2025, №108

Барои сазовор донистани Ҳайдаров Фахриддин Наботович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Ҳайдаров Фахриддин Наботович дар мавзуи «Амир Муиззӣ ва мақоми ӯ дар адабиёти аҳди Салҷуқиён (нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №23) 10-уми июли соли 2025 бо суратмаҷлиси №99 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ҳайдаров Фахриддин Наботович 10-уми марти соли 1968 дар ноҳияи Данғараи вилояти Кӯлоб (ҳоло вилояти Хатлон) дар оилаи омӯзгор таваллуд шудааст. Соли 1996 факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон)-ро бо ихтисоси филолог, муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст.

Соли 2002 рисолаи номзадиашро дар мавзуи «Рӯзгор ва осори Бадри Чочӣ» зери роҳбарии доктори илмҳои филологӣ, профессор Худоӣ Шарифов ҳимоя намудааст.

Аз моҳи сентябри соли 2024 то имрӯз дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсияи мазкур дар кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Мушовири илмӣ: Мисбоҳиддини Нарзиқул** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ**: **Худойдодов Аъзам Овлододович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, **Султонзода Тоҷибой Султонӣ** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи дастгоҳи Раиси вилояти Суғд ва **Юсуфов Умриддин Абдукофиевич** –

доктори илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигорӣ Салими Хатлонӣ, эксперт –доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи мазкур Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода, котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шамсов Нурмад Сироҷович имзо гардида, бо имзоюю муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Жило Бурӣ тасдиқ шудааст, қайд менамоянд, ки диссертатсияи Ҳайдаров Фахриддин Наботович дар мавзуи «Амир Муиззӣ ва мақоми ӯ дар адабиёти аҳди Салҷуқиён (нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII)» ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳое таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба адабиёти давраи классикии форсу тоҷик ва мавзуи диссертатсияи мазкур робитаи мустақим доранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 21 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 15 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Маводди интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

### I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Мақсудов, Б., Ҳайдаров, Ф.Н. Амир Муиззӣ ва рушди адабиёти дарбории Салҷуқиён дар Хуросон / Б. Мақсудов, Ф.Н. Ҳайдаров // Паёми

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филологӣ. – Душанбе,  2015. – №4/4 (171). – С. 234-238.

[2-М].  Ҳайдаров, Ф.Н. Нигоҳи мухтасар ба таҳқиқи рӯзгор ва осори Амир Муиззии Нишопурӣ / Ф.Н. Ҳайдаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – №4/5 (209). – С. 227-232.

[3-М]. Ҳайдаров, Ф.Н. Марсия ва мақоми он дар ашъори Амир Муиззӣ / Ф.Н. Ҳайдаров // Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2017. –  №4 (53). – С. 98-106.

[4-М]. Ҳайдаров, Ф.Н. Осори шоир – бозгӯи рӯзгори шоир / Ф.Н. Ҳайдаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №7. – С. 227-235.

[5-М]. Ҳайдаров, Ф.Н. Фарҷоми рӯзгори Амир Муиззӣ / Ф.Н. Ҳайдаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2019. – №1/4 (68). – С. 9-13.

[6-М]. Ҳайдаров, Ф.Н. Мавқеи рубоӣ дар эҷодиёти Муиззӣ / Ф.Н. Ҳайдаров // Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2020. – №4 (65). – С. 156-161.

[7-М]. Ҳайдаров, Ф.Н. Ашъори Муиззӣ аз нигоҳи анвои адабӣ ва муҳтаво / Ф.Н. Ҳайдаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитари ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2021. – №1/1 (83). – С. 15-22.

[8-М]. Ҳайдаров, Ф.Н.  Баррасии рӯзгор ва осори Муиззӣ дар сарчашмаҳои адабию таърихӣ / Ф.Н. Ҳайдаров // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2021. – №2 (42). – С. 134-140.

[9-М]. Ҳайдаров, Ф.Н.  Қиссаи тир хӯрдани Муиззӣ / Ф.Н. Ҳайдаров // Суханшиносӣ. – Душанбе, 2022. – №4. – С. 100-108.

[10-М]. Ҳайдаров, Ф.Н. Таҳқиқи рӯзгор ва осори Муиззӣ дар Эрон / Ф.Н. Ҳайдаров // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – №5 (100). – С. 252-260.

[11-М]. Ҳайдаров, Ф.Н.  Ҷойгоҳи бузургони пешин дар ашъори Муиззӣ / Ф.Н. Ҳайдаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №3. – С. 194-204.

[12-М]. Ҳайдаров, Ф.Н. Рӯзгор ва осори Амир Муиззӣ аз назари муҳаққиқони тоҷик / Ф.Н. Ҳайдаров // Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2024. – № 1 (78). – С. 217-223.

[13-М]. Ҳайдаров, Ф.Н. Вижагиҳои шеъри мадҳӣ-ситоишии замони Салҷуқиён / Ф.Н. Ҳайдаров // Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2024. – №2 (79). – С. 204-213.

[14-М]. Ҳайдаров, Ф.Н. Рӯзгор ва осори Амир Муиззӣ аз нигоҳи муҳаққиқони турк / Ф.Н. Ҳайдаров // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – Хуҷанд, 2024. – №4 (101). – С. 59-68.

[15-М]. Ҳайдаров, Ф.Н. Вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии Хуросон дар замони Амир Муиззӣ / Ф.Н. Ҳайдаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №10. – С. 248-257.

**II. Таълифоти муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[16-М]. Ҳайдаров, Ф.Н. Нақши «Чаҳор мақола» дар таҳқиқи рӯзгор ва осори Амир Муиззии Нишопурӣ / Ф.Н. Ҳайдаров // Дурдонаи Шарқ. Маҷаллаи адабӣ, илмӣ ва фарҳангии тоҷикони Ӯзбекистон. – Самарқанд, 2022. – №3. – С. 84-92.

[17-М]. Ҳайдаров, Ф.Н.Н. Тараннуми ишқ дар тағаззулоти Муиззӣ / Ф.Н. Ҳайдаров // Маводди конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Рушду таҳаввули жанри қасида дар адабиёти форсу тоҷик» бахшида ба бузургдошти ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ ва 80-солагии доктори илмҳои филологӣ, профессор Икромов Искандар (Бохтар, 21-уми декабри соли 2023). – Бохтар, 2023. – С. 116-127.

[18-М]. Ҳайдаров, Ф.Н.Н. Инъикоси воқеаҳои таърихӣ дар девони Муиззӣ / Ф.Н. Ҳайдаров // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами филологияи Шарқ ва равобити адабӣ» бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Хуҷанд, 26-27-уми апрели соли 2024). – Хуҷанд, 2024. – С. 443-452.

[19-М]. Ҳайдаров, Ф.Н.Н. Истиқболи Муиззӣ аз шоирони замони Ғазнавӣ / Ф.Н. Ҳайдаров // Маводди конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Ҷойгоҳи профессор Абдушукур Абдусатторов дар таҳқиқу нақди адабиёти тоҷик» (Душанбе, 14-уми майи соли 2024). – Душанбе, 2024. – С. 158-69.

[20-М]. Ҳайдаров, Ф.Н.Н. Муиззӣ ва Фирдавсӣ / Ф.Н. Ҳайдаров // Маҷмуаи мақолоти конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии «Нақши «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар таҳкиму густариши забону адабиёт ва илму фарҳанги тоҷик» (Хуҷанд, 14-15-уми майи соли 2024). – Хуҷанд, 2024. – С. 346-365.

[21-М]. Ҳайдаров, Ф.Н. Назари модеҳонаи Муиззӣ ба шахсиятҳои достонии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ / Ф.Н. Ҳайдаров // Маҷмуаи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Нақши «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва ҳуввияти миллӣ» бахшида ба ҷашнвораи 1090-солагии Ҳаким Абулқосим Фирдавсии Тӯсӣ (Душанбе, 27-28-уми ноябри соли 2024). – Душанбе, 2024. – С. 270-279.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, сардори раёсати магистратура, аспирантура ва докторантураи PhD-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Қосимзода Солеҳ Салим** мусбат буда, дар он қайд шудааст, ки автореферати диссертатсияи Ҳайдаров Фахриддин Наботович ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Ҳамзамон, дар тақриз чунин эродҳо манзур шудаанд:

1. Масъалаи таърихи зиндагиномаи шоир ба таври муфассал шарҳ ёфтааст, аммо бархе санаҳо ва ҷузъиёт бо итминон пешниҳоди комил надоранд. Баъзан бо тахмин ва эҳтимол баён шудааст, ки дар кор бояд бо далелҳои қатъӣ иваз мегардид. Масалан, маълумоти вобаста ба валодат ва охири зиндагии шоир ҳанӯз баҳсбарангез аст ва дар автореферат низ бо такя ба тахминҳои тазкиранависон пешниҳод шудааст.

2. Ба масъалаи таҳқиқи сабки фардии шоир низ бояд таваҷҷуҳ мешуд. Салосати забон ва фасоҳати байтҳо бо таърифҳои умумӣ шарҳ ёфтааст, вале мисолҳои аниқи муқоисавӣ бо ҳамзамонон кам оварда шудаанд. Барои исботи бартарии сабки Муиззӣ мебоист, ки қиёс бо қасидаҳои Фаррухӣ, Унсурӣ ва ҳатто Анварӣ анҷом дода мешуд.

3. Дар бахши марбут ба таъсири Муиззӣ ба баъдиниён, ба мисли Хоқонӣ, Саъдӣ ва Ҳофиз танҳо ишораҳои умумӣ дида мешаванд. Пажӯҳишгар зикр мекунад, ки сабки Муиззӣ дар шеъри баъдӣ таъсир гузоштааст, аммо далелҳои матнӣ ва мисолҳои дақиқ барои ин иддао оварда нашудаанд. Хуб мебуд, ки бо мисолҳо шарҳ дода мешуд.

**2. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» **Икромов Искандар** низ мусбат мебошад. Ба андешаи муқарриз, хулоса ва натиҷагириҳои диссертант қобили эътимод буда, дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд:

1. Дар бахши сарчашмаҳои таҳқиқ диссертант агар баъзе маъхазҳоро мушаххас зикр мекард, беҳтар буд.
2. Фасли дуюми боби чаҳорум, ки «Васфи аносири давлат ва давлатдорӣ дар қасоиди Муиззӣ» унвон дорад, дар бобҳои дуюм ё сеюм оварда мешуд, таносуби баррасии масоили мавриди назари диссертант мустаҳкамтар мегардид.

**3.** Дар **тақризи** доктори илмҳои филологӣ, дотсент, директори генералии Муассисаи давлатии «Муҷтамаи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Кӯлоб» **Асозода Ҳотам Раҷаб** омадааст, ки хулосаи диссертатсия дар 25 банд пешниҳод гардидааст ва ин аз ҳамаҷониба мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтани

мавзуи интихобгардида дарак медиҳад. Дар баробари зикри дастовардҳои довталаби дараҷаи илмӣ дар тақриз чунин эродҳо пешниҳод гардидаанд:

1. Хуб мешавад, агар фаслҳои 2 ва 3-юми боби якум, ки «Авзои илмию адабии замон» ва «Муҳити адабӣ дар замони Салҷуқиён» номгузорӣ шудаанд, якҷоя карда шаванд.

2. Дар баъзан бобҳо такрори айнии ҷумла ва сархатҳо ба назар мерасад. Масалан, дар саҳифаи 4 ва 22 сархатти «Аз муаллифони сарчашмаҳои адабию таърихӣ ягона шахсе, ки...», ё ин ки дар саҳифаи 22 ва 40 сархатти «Ҳанӯз ҳангоми дар қайди ҳаёт будани Муиззӣ муаллифони сарчашмаҳои илмии адабиётшиносӣ ...».

3. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат, ҳарчанд ки матни сарчашмаҳо оварда нашудаанд, ба андешаи мо, изҳори андешаи диссертант нишон додани сарчашмаҳоро тақозо менамояд. Масалан, дар саҳифаи 24 фасли якуми боби дуюм.

**4. Тақризи** муштараки доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов **Садрӣ Саъдиев** ва доктори илмҳои филологӣ (DSc), мудири кафедраи мазкур **Сироҷиддин Хӯҷақулов** низ мусбат аст. Дар тақриз омадааст, ки дар баробари муваффақиятҳои зиёд дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо бар нафъи кор хоҳад буд. Аз он ҷумла:

1. Ҳарчанд забон ва услуби баёни муаллиф дар автореферат равону фаҳмо мебошад, аммо баъзан калимаву ибораҳои душворфаҳми арабӣ ба назар мерасанд, ки ба ҷойи онҳо мавриди истифода қарор додани муродифоти тоҷикии онҳо мувофиқи мақсад аст.

2. Дар автореферати диссертатсия ҳамчунин баъзе хатоҳои техникӣ, аз қабили «арщ»-и ҳастӣ ба ҷои «арз»-и ҳастӣ (автореферат, саҳ. 3), «адар» ба ҷои «адад» (автореферат, саҳ. 30) ба назар расид, ки, ба андешаи инҷониб, ба чоп иртибот доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани пажӯҳиши илмӣ:**

- бо мақсади таъини падидаҳои таъсиррасон ба муҳити адабӣ дар заминаи иттилооти сарчашмаҳои таърихию адабӣ ва таҳқиқоти бунёдии муосир манзараи умумии вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии Хуросони замони Амир Муиззӣ **таҳқиқ шудааст**;
- вазъи илму фарҳанг ва муҳити адабии Хуросон дар замони шоир ба сифати яке аз омилҳои муҳимми таъсирбахш ба мазмуну мундариҷаи осор **таҳлилу баррасӣ гардидааст;**
- масъалаҳои умумии алоқаманд ба рӯзгор ва осори Муиззӣ аз ҷониби муаллифони сарчашмаҳои адабию таърихӣ, ки ҳанӯз дар замони рӯзгори

шоир вобаста ба таҳлили санъатҳои бадеӣ ва дар иртибот ба мазмуни воқеоту муҳтавои ҳикояҳо барои зинати осори насрӣ аз ашъори ӯ истифода мекарданд, **таҳқиқ шудааст;**

- таҳқиқи рӯзгор ва махсусиятҳои ашъори Амир Муиззӣ дар замони нав бо такя ба маълумоти адабиёти илмии мавҷуд, ки, пеш аз ҳама, дар адабиётшиносии Ғарб шуруъ шуда, аз ҷониби олимони руси собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, Эрон, Тоҷикистон ва Туркия идома меёбад, мавриди **баррасӣ қарор гирифтааст;**
- масъалаҳои марбут ба раванди рӯзгори Муиззӣ, аз қабили валодат, зодгоҳ, наврасию ҷавонӣ, ҳузуру фаъолият дар дарбор, солҳои вопасини рӯзгор ва дар маҷмуъ, зиндагиномаи илмии шоир **барқарор карда шудааст**;
- ҷойгоҳи бузургони пешин дар ашъори Амир Муиззӣ, ки шоир дар пайравӣ ба эшон эҷод кардааст ва муносибати мутақобилаи шоир бо ҳамзамонон **муайян гардидааст**;
- ашъори мавҷуди таркиби девони ашъори Амир Муиззӣ аз нигоҳи мавзуъ, муҳтаво ва анвои адабӣ табақабандӣ гардида, таркиби жанрии нусхаҳои чопии девони шоир **муқаррар шудааст**;
- қасидаҳои шоир аз нигоҳи идомаи суннати қасидасароӣ ва ташаббусоти шоир дар ин самт, махсусиятҳои жанрӣ ва муҳтавоии рубоиёт, ғазалиёт, муқаттаот ва анвои дигари адабии таркиби девони шоир **таҳқиқ шудааст;**
- бо такя ба феҳристҳои нисбатан муътабар, нусхаҳои хаттии девони ашъори шоир, ки дар китобхонаҳои бузурги дунё маҳфузанд, муайян гардида, вазъи нашри девони ашъори Муиззӣ **муқаррар шудааст**;
- дар заминаи махсусиятҳои шеъри мадҳӣ-ситоишии замони Салҷуқиён, ҷиҳатҳои хосси ашъори Муиззӣ ва истеъдоди ӯ ба сифати шоири мадеҳасаро дар намоиши қудрат ва тавсифи аносири давлату давлатдорӣ ва корбурди орояҳои бадеӣ, аз қабили муболиға (иғроқ, ғулув), ташбеҳ ва истиора дар ашъори шоир ба **риштаи таҳқиқ кашида шудааст.**

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** масоили назарии дар бобу фаслҳои диссертатсия матраҳшуда ва баҳсҳои қисматҳои таркибии бобу фаслҳо барои муайян намудани масъалаҳои гуногуни адабиёти асримиёнагӣ, хусусан, дар пажӯҳиши минбаъдаи масоили дигари баҳсталаби мероси адабии Амир Муиззӣ дар робита ба муҳити адабии замони Салҷуқиён, хусусиятҳои жанрӣ ва вижагиҳои ҳунарии осори он замон саҳми муносиб хоҳад гузошт. Ҳамзамон, дастовардҳо ва хулосаҳои илмии муаллифи диссертатсия, ки ҳангоми таҳқиқи ашъори Муиззӣ ба вижагиҳои шеъри мадҳӣ-ситоишии замони Салҷуқиён ва корбурди санъатҳои бадеӣ аз ҷониби Амир

таҳқиқ таъйид мекунанд. Саҳми фардии муаллиф, ҳамчунин, дар он зоҳир меёбад, ки ӯ дар раванди гирдоварии маводди зарурӣ, таъини тарҳи кор, навиштани мақолаҳо мустақилият зоҳир кардааст. Муносибати методологии муаллиф нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ буда, барои ҳалли илмии масъала замина фароҳам овардааст. Бо истифода аз равишҳои таҳқиқие, ки дар адабпажӯҳии ҷаҳонӣ маъмул аст, бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик ба таври комплексӣ масъалаҳои вобаста ба рӯзгор ва мероси адабии Амир Муиззӣ ва мақоми ӯро дар адабиёти аҳди Салҷуқиён дар қолаби диссертатсияи докторӣ таҳқиқ кардааст. Масъалаҳо вобаста ба вижагиҳои шеъри мадҳӣ-ситоишии замони Салҷуқиён, васфи аносири давлат ва давлатдорӣ ва корбурди санъатҳои бадеӣ дар ашъори Амир Муиззӣ  дар адабиётшиносии тоҷик бори нахуст мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро, инчунин, таълифоти дар заминаи ҳамин мавзуъ таълифнамудааш, ки дар қолаби мақолаҳои илмӣ чоп шудаанд, бозгӯ менамоянд.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 30-юми октябри соли 2025 дар бораи сазовор донистани Ҳайдаров Фахриддин Наботович ба дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 15 нафар (1 нафар тариқи маҷозӣ) (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, №360/шд), аз ҷумла 5 нафар докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ иштирок доштанд.

Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа ҳузурдошта дар овоздиҳии пинҳонӣ 14 нафар доктори илм иштирок намуд. Натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мақсудзода Б.М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Бобомаллаев И.Ҷ.

30.10.2025